*Иброҳим Халилов,*
*таҳлилгари сиёсӣ.*

# ТАРАННУМИ ВАТАНДОРӢ ВА ВАТАНПАРАСТӢ ДАР ПАЁМ

Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки санаи 28-уми декабри соли 2023 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардид, саропо ба рушду инкишоф ва таҳкиму устуворӣ ва ободониву гулгушукуфоии Ватани азизамон бахшида шуда, аз ҷумла барои тарбияи ватандустиву ватанпарварии шаҳрвандонро бедор намудан саривақтӣ ва бениҳоят баланд арзёбӣ мегардад. Тавре зимни Паёмашон мефармоянд: «мо бояд барои наслҳои оянда ниҳол шинонем, боғ бунёд намоем, Ватанамонро пешрафта гардонем ва чунонки доим таъкид менамоям, ба фарзандону набераҳоямон як мулки обод мерос гузорем».

Ватандӯстӣ имрӯз як рукни асосии мафкураи миллии Тоҷикистон мебошад. Ин масъаларо гаштаю баргашта, Роҳбари давлати тоҷикон, Асосгузори сулҳу ваҳдати милли - Пешвои миллат, Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ таъкид менамояд. Месазад, ки нуктаеро аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин бахш ёдовар шавем, ки иброз намуда буданд: «Вазифаи имониву муқаддаси ҳар як фарди бонангу номуси миллат-аз шаҳрванди оддӣ то корманди баландпояи мақомоти давлат таблиғи бедории миллӣ, зиракию ҳушёрии сиёсӣ, ҳисси баланди ифтихори ватандориву ватандӯстӣ, густариши ғояхои худогоҳиву худшиносии миллӣ ва муҳимтар аз ҳама, таҳкими Ваҳдати миллӣ мебошад». Пешвои миллат ба мо тавсия ва супоришоти муайяну мушаххас додааст, то дар масоили зикргардида кору фаъолият, пажуҳишу омезишро бештар намоем ва маънихои нобу муассир ба насли наврас бирасонем. Онҳоро чунон тарбия намоем, ки шаҳрвандон ва ватанпарастони асил ба воя бирасанд.

Дар ин замина, Пешвои муаззами миллат нақши бонувону занонро махсус таъкид намуда, аз ҷумла дар Паёми навбатиашон қайд мекунанд: «Нақши занону бонувон дар пойдории сулҳу субот, ҳифзи арзишҳои милливу фарҳангӣ, дар ниҳоди фарзандон тарбия намудани ҳисси ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, инсондӯстиву масъулиятшиносӣ, инчунин, пешгирӣ кардани омилҳои номатлуби иҷтимоӣ муассир аст». Ин гуфтаҳо дар ҳақиқат натиҷаи таҳлилҳои ҳазорсолаҳо аст, ки ҳама рушду нумуъи инсонҳо аз оила оғоз гардида, мавқеъи бонувону занон дар ташаккули шахсиятҳои миллӣ ва пешгири ҳодисаҳои

бегонапарастӣ, хурофотӣ, коҳишёбии ахлоқи ҷавонон, гаравидан ба афкори бегонагон ва экстремизму терроризм барҷаста ва ҳалкунанда мебошад.

Ҳамзамон Пешвои муаззами миллат барои инкишофу таҳкими бахши тарбияи ватандӯстии ҷавонон иқдомҳои наҷибу мушаххас намуда, ба воситаи мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ онҳоро дар амал пиёда месозанд, ки ин нуқтаро дар Паёмашон чунин иброз медоранд: «Ғамхорӣ нисбат ба ҷавонон, ҳалли мушкилоти онҳо ва истифодаи дурусти ин захираи стратегии миллӣ барои пешрафту ободии Ватан ва таъмини амнияту суботи ҷомеа яке аз афзалиятҳои асосии Ҳукумати мамлакат ба шумор меравад, зеро шумораи бештари аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд». Дар ин самт Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстии ҷавонон маҳз бо ибтикори Сарвари давлат таҳия ва қабул гардид ва дар тамоми самтҳои асосии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавононро фаро гирифтааст. Ташаббуси Сарвари давлат дар хусуси ба иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ҷудо намудани лоиҳаҳҳи махсуси грантӣ дар бахши тарбияи ватанпарастии ҷавонон боз як иқдоми неке гардид, ки ин масъаларо ба сатҳи хеле баланд бардошт.

Тоҷикистон яке аз кишварҳои сохибистиқлоли чаҳони имрӯза буда, аъзои чандин созмону ташкилотҳои минтақавию байналмилалист, давлатест дар минтақаи Осиён Марказӣ, мардумаш мехнатдӯсту соҳибтамаддун, сарзамини дорои табиати зебо, захираи бузурги оби тоза, кӯҳҳои сарбафалак кашида, захираҳои бойи зеризаминиро соҳиб аст. Ба тамоми мушкиливу камбудиҳо нигоҳ накарда мардумаш барои фардои ободу дурахшон умед доранд ва пайваста талошу заҳмат мекашанд. Ҳақ ба ҷониби шоира Гулрухсор аст, ки мефармояд:

*Тоҷикистон, сари ҳар санги ту бар ман Ватан аст,*
*Бари ҳар буттаи хори ту бароям чаман аст.*
*Заррае некам агар, дарси ту аз бар кардам,*
*Заррае хубам агар, ҳусни ту мероси ман аст.*

Ватандорӣ, ватанпарастӣ, дӯст доштани ватан ва ин сарзамини ҳосилхез барои ҳар фарди бонангу номус ва ҳар шахсе, ки камтарин эҳсоси инсонигароӣ дорад, бисёр кори азиз ва гиромӣ мебошад. Чӣ тавре, ки шахс модари худро дӯст медорад, барои хизмат намудан ба ӯ ҳамеша омода аст, ватан низ мисли модар аст. Мо дар ин ватан ба дунё омадем, обашро менӯшем, ҳавояшро нафас мекашем, дар ҳамин сарзамин таълиму тарбия гирифта истодаем. Магар мешавад шахс дар ин сарзамин ба камол расида, ватанашро дӯст надорад, азиз нашуморад, барои ободу зебо ва пешрафти он хизмат накунад?! Ё ин, ки дар ин сарзамини зебо зиндагиву кор кунад ва барои пешрафти он саҳмгузор набошад, ки ношукрии чунин ашхос ба беҳтарин неъмат Ватан буда, дар ин самт шоир дуруст фармудааст, ки

*Беватан нест ѓарибе, ки кунад ёди Ватан,*
*дар Ватан мондаи бе ёди Ватан беватан аст.*

Имрӯзҳо давраи тозаи рушди кишвар оғоз гардидааст. Обрӯву нуфузи давлат торафт дар арсаи чахонӣ боло меравад ва ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии мардум беҳтар шуда истодааст. Баробари дигар масъалаҳо ваҳдату ягонагӣ, ҳифзи ватан, арзишҳои миллӣ, таҳкими истиқлолияти давлатӣ, пос доштани муқаддасот ва анъанаҳои миллӣ аз ҷумлаи корҳои муҳим ба шумор меравад. Тоҷикистон худ давлати ҷавон ба ҳисоб рафта, 70%-и аҳолиро ҷавонон ташкил медиханд, дар ин росто Пешвои муаззами миллат зимни Паёмашон қайд намуданд: «Ҷавонони мо, ки насли замони истиқлол мебошанд, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат, аз ҷумла дар ҳимояи марзу буми Ватан, амнияти мардум ва давлати Тоҷикистон, сохтмонҳои бузурги аср, аз ҷумла неругоҳи барқи обии «Роғун» ва пешрафти илму фарҳанг саҳми бисёр назаррас гузошта истодаанд. Дар ин замина, ҷиҳати боло бурдани сатҳу сифати тарбияи наврасону ҷавонон бояд ба масъалаи баланд бардоштани ҳисси худшиносии миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва инсонпарварии онҳо таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода шавад». Умеди давлату ҳукумат аз ҷавонон калон буда, бовари комил доранд, ки онҳо бо аз бар намудани илму технологияи замони муосир барои пешрафту ободии кишвар камари ҳиммат мебанданд ва диёри худро азизу гиромӣ медоранд. Дар ин кор дар баробари дигар арзишҳое, ки ҷавононро дар анҷом чунин корҳои наҷиб комёб мегардонад, ватанпарастиву ватандӯстӣ мебошад.

Аз эҷодиёти даҳанакии халқи мо (фолклор) ва эҷоди адибони классику муосири тоҷик агар мавриди сурудаҳо ва навиштаву андешахо ва кулли осори онхоро дар васфи Ватану ватандорӣ ва ватаудӯстӣ дар як китоби мукаммал гирд меовардем, шояд аз рӯи ҳаҷм дар дунё калонтарин китоб мешуду барои миллати мо дӯстдоштатарин асар! Вале бо вуҷуде, ки аз он сароянд аҳо «Васфи Ватан» умре сипосгузорем ва ҳар чизе ҳам, ки дар васфи Ватану ватандорӣ аз рӯи баландтарин муҳаббат суруда бошанд, ҳанӯз гӯё пеши ин вожаи «сарвожахои дӯстдоштатарин» кам асту ба мисле «ҷавоб нисбати Ватан пурра нашудааст», азбаски Ватан бузурги он ҳама бузургиҳост, ки инро шоир чунин ба қалам овардааст:

*Ватан ҳамчу модар муқадддас бувад,*
*Касе созадаш хор, нокас бувад!*
*Ватан гар бимирад, шави номурод,*
*Шави русия дар чаҳон умрбод!*
*Ватан нури чашму ватан обруст,*
*Ватан модар асту зи ҳар чӣ накуст.*

*С. Мирализода*

Барои он, ки давлатамон қудратманду пешрафта ва зиндагии мардумамон беҳтар бигардад, бибояд аввалтар аз ҳама ватандӯст бошем, ҳама кунҷу канори Тоҷикистон баробар бароямон азизу мукаддас бошад, ба қадри забонамон бирасем ва дар ҳама ҷо ҷойгоҳашро болотар аз хама интихоб бикунем, агар аскарему афсар тайёрии хуби казоӣ ва омодагии баланди ҷангӣ дошта бошему ба фармони Ватан тайёр бошем, Ватани азизамонро ҳимояву рӯз аз рӯз зеботар мекунем. Дар ин самт тамоми шароитҳо барои афсарону сарбозон фароҳам шуда истодааст ва тадбирҳои пайваста дар ин самт аз ҷониби Ҳукмат андешида шуда истодааст, ки онро зимни Паёми навбатиашон Пешвои муаззами миллат чунин қайд намуданд: «Бо беҳтарин шароити зиндагиву хизмат таъмин намудани хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, омода кардани кадрҳои баландихтисос, такмил додани дониши тахассусӣ ва сатҳи касбияти ҳайати шахсии ҷузъу томҳо, боз ҳам баланд бардоштани ҳисси масъулиятшиносӣ ва ватандӯстиву ватанпарастии афсарону сарбозон аз қабили ин тадбирҳо мебошанд».

Дар мавзуъи тарбия қайд кардан зарур аст, ки ин самти умдатарини ҳаёти инсоният ва ҷамъият буда, дар тамоми давраҳои пайдоиш ва рушди ҷамъият масъалаи мубрам буда боқӣ мемонад, ки дар ин самт шоирону нависандагон ва мутафаккирон ақидаҳои зиёд баён намудаанд ва ҳақ бар ҷониби Саьдии Шерозй аст, ки мефармояд:

*Хари Исо одами нахоҳад шуд,*
*Гарчи дар пойи минбаре бошад.*
*В-одамеро ки тарбият накунанд,*
*То ба садсолаги харе бошад.*

Дар ҳақиқат таҷрибаи зиндагӣ нишон медиҳад, ки баъзан инсонҳои синну соли калон низ рафторҳое зоҳир менамоянд, ки дар ягон доираи ахлоқӣ ва тарбиявӣ дуруст намеояд. Агар дар самти таълиму тадрис низ тарбияро баррасӣ намоем, таълиму илм шохаҳои тарбия ба ҳисоб мераванд, ки ин нуктаро психологҳо низ тасдиқ намудаанд ва исбот шудааст, ки шахси бетарбияро таълим додан ваё аз чунин ашхос олим ваё муҳақиқ барнамеояд. Шахси бетарбияро барои муввафақ шудан сараввал тарбия намудан ва пасон ба роҳи дуруст равона кардан мумкин аст. Ин қонунятҳои ҳаётиро Пешвои муаззами миллат дарк намуда, мунтазам барои дар руҳияи ватандустӣ тарбия намудани ҷавонон ва баланд бардоштани ҳисси миллии ҳар як шаҳрванд таъкид намуда дастуру ҳидоятҳои саривақтӣ медиҳанд.

Дар ҳақиқат ба самти тарбияи ватандустӣ ва ҳуқуқи диққати махсусро Пешвои муаззами миллат зоҳир намуда, қабули консепсияҳову барномаҳои давлатӣ ва санадҳои меъёриву ҳуқуқии қабулнамуда аз он шаҳодат медиҳанд ва махсусан зимни Паёми навбатиашон чунин қайд мекунанд: «Зимнан,

хотирнишон менамоям, ки дастоварду пешравиҳои то имрӯз ноилшудаи кишвар натиҷаи қонунҳои таҳия ва қабулкардаи парламенти мамлакат мебошад. Ба шумо – аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон муроҷиат карда, ҳамаи шуморо даъват менамоям, ки биёед, минбаъд низ якҷоя кору фаъолият намуда, кишвари худро ободу зебо созем, сатҳу сифати зиндагии халқамонро баланд бардорем ва обрӯи Ватани азизи худ – Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам таҳкиму тақвият бахшем. Бояд гуфт, ки дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши калидӣ дорад. Ҳоло дар кишвар барномаи сеюми таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ барои солҳои 2020 – 2030 амалӣ шуда истодааст».

Қайд кардан ба маврид аст, ки 24-уми декабри соли 2022 Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон" қабул кард, ки он аз 21 боб иборат буда, дар руҳияи ватандустӣ тарбия намудани шаҳрвандони кишвар, барои имрӯзу фардои кишвари азизамон аҳамияти муҳим дорад. Дар моддаи дуюми он таъкид мешавад, ки ба мақсади «ташаккул додани айнияти шаҳрвандӣ, сифатҳои баланди ахлокӣ, ҳувияти миллӣ, тафаккур ва ҳисси ватандӯстӣ» дар ниҳоди шаҳрвандон қабул карда шуд.

Қонуни мазкур ҷиҳати тарбияи шаҳрвандон дар роҳи хизмати софдилонаву фидокорона ба Ватан, ифтихор аз ниёгон, арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ ва чаҳду талошхо дар роҳи фардои озоду ободи кишвар равона шудааст. Баробари ин, бояд қайд кард ки дар шароити кунунии ҷахони тағйирёбанда ҷавонони кишвари мо низ ҳамчун қисми осебпазир аз равандҳои бегонашавӣ эмин набуда, тамоми шохаҳои ҳокимият дар баробари он эҳсоси масъулият мекунанд ва қабули ин қонун гувоҳи содиқии ин гуфтаҳост. Ин қонуни ҳаётан муҳим қабл аз ҳама сиёсати давлатиро дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон муайян месозад. Воқеан тарбияи ватанпарастии насли наврас яке аз масъалаҳои муҳимтарини ҷомеа ба шумор меравад. Дарки ин мавзӯъ вазифаи асосии муассисаҳои таҳсилотӣ ва ҳар як шаҳрванди кишвар мебошад. Бояд қайд кард, ки аз рӯзҳои аввали ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати кишвар нисбат ба тарбияву худогоҳии ҷавонон таваҷҷухи хосса зоҳир менамояд.

Ҳамин аст, ки Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тарбияи наврасон ва ҷавононро дар рӯҳияи арзишҳои суннатию башарӣ, ватандорӣ, дӯст доштани Ватан, тарбияи шахсиятҳои сатҳи баланди ахлокӣ, дорои эҳсоси баланди ватандӯстӣ ва худогоҳии миллӣ, масъулиятшиносу фаъол ва созандаю эҷодкор вазифаи аввалиндараҷаи давлат, ҷомеа ва оила ҳисобида, пайваста дар ин бора роҳнамоӣ ва ҳидоят менамоянд.

Дар масъалаи таъсири омилҳои геосиёсию геоиқтисодӣ ва тамоюлҳои ҷахонишавию минтақашавӣ ва муборизаҳои шадиди фарҳангҳои ҷаҳонӣ, ки имрӯз тамоми ҷаҳонро фаро гирифта боиси аз байн рафтани баъзе фарҳангу халқиятҳо ваё ба коми дигар давлатҳо фурӯ рафтани баъзе давлатҳо мушоҳида шуда истодааст, ки дар ин росто зиракии сиёсии ҳар як миллату давлат ва халқиятҳо хело ҳассос мебошад. Аз ҷумла зимни Паёмашон қайд менамоянд, ки: «Ҳамаи мо вазифадорем, ки дар шароити ниҳоят ҳассос ва ноорому пуртаҳаввули ҷаҳони имрӯза ва афзоиши таҳдиду хатарҳои муосир ба истиқлолу озодӣ, суботи сиёсӣ ва амнияти ҷомеаи башарӣ беш аз ҳар вақти дигар босабру таҳаммул ва муттаҳиду сарҷамъ бошем, тамоми саъю талоши худро ба хотири ҳимояи арзишҳои миллӣ, ҳифзи манфиатҳои давлату миллат, ободии Ватани азизамон ва рушди кишвари соҳибихтиёрамон равона созем».

Мувофиқан, масъалаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, хусусан дар вазъи тағйирёбандаи чаҳони имрӯза ва хусусияти устувор пайдо кардани зуҳуроти хатарноки замони муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ, таассуби динӣ, бегонапарастӣ, дахолати нерӯҳои бадхоҳ ба корҳои дохилии кишварҳои чаҳон, ки башариятро ба ташвиш овардаанд, беш аз пеш муассир буда, вусъат бахшидани кори тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ва танзими ҳуқуқии он хеле зарурӣ ва саривактӣ мебошад.

Тавре шоҳидем дар арсаи байналмиллалӣ байни давлатҳои абарқудрат рақобатҳои шадид оид ба соҳиб шудан ба захираҳои ашёи хом ва ҳудудҳои нав, вобаста кардани давлатҳои алоҳида аз ҷанбаҳои гуногун ба кишварҳои худ, хело шадид рафта истодааст ва давлатҳое, ки аз ҷараёнҳо ақиб монда манфиатҳои миллии худро саривақт дарку химоя наменамоянд, аз ин тамоюлҳо вобастагиашон зиёд мегардад. Ин нуктаҳоро Пешвои муаззами миллат дарк намуда зимни Паёмашон чунин иброз медоранд: «Ман ба мардуми азизи кишвар мурочиат карда, ҳар яки онҳоро даъват менамоям, ки биёед, табиати Тоҷикистони биҳиштосоямонро ба гулистон табдил диҳем, ободӣ ва тозагиву озодагиро аз ҳар хонаву кошона сар карда, то деҳоти дурдасттарин вусъат бахшем, тамоми қаламрави Ватанамонро хурраму сарсабз гардонем ва соҳиби фарҳангу тамаддуни бостонӣ будани худро ба ҷаҳониён собит намоем».

Дар ҳақиқат масъалаи кам кардани хавфу хатарҳои берунӣ ба ватани азизамон аз ҳар як шаҳрванди кишвар вобастагии зиёд дошта, дар бартарафнамоии он ягон нафар бояд бетараф набошем. Биноан дар чунин шароити ҳассос аз ҳар як оила, деҳоту ҷамоат сар карда то шаҳраку минтақа ва ташкилоту идораҳо бояд вобаста ба самти фаъолият, ҷиҳати ҷоннок намудани иқтидорҳои мавҷуда, иҷро намудани дастуру супоришҳои Пешвои муаазами миллат камар баста, баҳри муаррифии ватани азизамон дар арсаи минтақа ва ҷаҳон саҳмгӯзор бошем. Вазифаи ҷонии ҳар як фарди бонангу номуси Ватан

мешуморем, ки пеш аз ҳама ба қадру эҳтироми дастоварди бебаҳои таърихии худ расида, Истиқлолияти давлатӣ, Вахдати миллиро чун гавхараки чашм хифз намуда, дар таъмини рушди устувори Ватани азизамон пайваста кушиш намояд.

https://www.facebook.com/share/p/oihg5Ay6TC8YjAPW/?mibextid=oFDknk